بسم الله الرحمن الرحیم

In the name of Allah, the compassionate, the merciful

به نام خداوند بخشنده مهربان

NoorolAmin

# Принсипҳои роҳбарӣ дар мудирият

Сафармурод Ҳусейн

# МУНДАРИҶА


**Сарсухан ........................................................................................7**

1. Мафҳуми роҳбарӣ ..........................................................................10
2. Тафовути роҳбарӣ бо мудирият ....................................................12
3. Назарияҳои роҳбарӣ .......................................................................16
   3.1. Назарияҳои хусусиёти фардии роҳбар ...................................16
   3.2. Назарияҳои рафтории роҳбарӣ ...............................................19
   3.3. Назарияҳои иқтизоии (эҳобии) роҳбар ...................................23
4. Унсури роҳбарӣ ..............................................................................24
5. Усули роҳбарӣ дар мудирият .........................................................25
   5.1. Асли қудрат дар роҳбарӣ .........................................................26

Ҷамбъандӣ .............................................................................................29

   5.2. Асли ангезиш (Motivation) .......................................................29
      5.2.1. Таърифи ангезиш ...............................................................30
      5.2.2. Назарияҳои ангезиш ..........................................................31
      5.2.2.1. Назарияи муҳтавоӣ: ..........................................................31
      5.2.2.2.1. Назарияи силсиламаротиби ниёзҳо ...............................32
      5.2.2.2.2. Назарияи ангезиш ва беҳдошти равон (Motivation Hyqiene Theory) ..........................................................................33
      5.2.2.2.3. Назарияи ду соҳатӣ будани инсон ..................................33
      5.2.2. Назарияҳои фарояндии ангезиш .......................................34
      5.2.3. Ангезиш дар маҷмӯаҳои инсонӣ .......................................35
      5.2.4. Усули ангезиш ....................................................................36
      5.2.4.1. Асли таъйини ҷаззобияти ҳадафҳо ................................36
      5.2.4.2. Асли ташвиқ ва танбеҳ ....................................................38

**Ҷамъбандӣ .........................................................................................41**

**Адабиётҳо ............................................................................................43**

# Сарсухан

Пас аз барномарезӣ ва созмондиҳӣ қадами баъдӣ фароҳам кардани сабабҳое аст, ки аъзои созмонро дар ҷиҳати ҳадафҳои он ба фаъолият ва ҳаракат дароварад. Ин вазифа бо истилоҳоти гуногун тавсиф шудааст: фармондеҳӣ, ҳидоят, ангезиш ва роҳбарӣ. Ин вазифа ба ҳар номе, ки хонда шавад, лозимаи кор ва рафтори мустақим бо инсонҳо аст.

Ҳамон гунае ки қаблан дар куллиёти баҳс гуфта шуд, мудирият умуман аз се буъди фаннӣ (вазифаҳо) идрокӣ (рафтор ва фарҳанги созмонӣ) ва инсонӣ (мудирияти манобеи инсонӣ) мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Буъди идрокӣ марбут ба рафтори созмонӣ ва нақши корбурдии инсон дар созмон мебошад (Баруманд, с: 4) ки ба маънои роҳбарӣ истеъмол мешавад.

Ҳадаф аз роҳбарӣ дар мудирият, роҳнамоии зердастон дар ҷиҳати беҳтар фаҳмидани ҳадафҳои созмон ва барангехтани онҳо ба кор ва фаъолияти муассир аст. (Алоқабанд, с: 31).

Роҳбарӣ водор намудани дигар афрод ба анҷоми

он чизе аст, ки роҳбар хоҳони иҷрои он аст. Ба таври мисол ҳар гоҳ роҳбар бихоҳад, ки тамоми афрод дар интихобот ширкат намоянд, тавоноии ба пои сандуқи раъй бурдани ин афродро роҳбарӣ меномем. Як роҳбари муваффақ роҳбарест, ки метавонад беҳтарин талошҳо ва кӯшишҳои дигаронро дар ҷиҳати хостаи худ барангезад ва таҳрик намояд. (Писаронқодир, с: 12).

Буъди роҳбарии мудирият, масъалаи маънавӣ-фарҳангӣ ва ахлоқӣ аст, ки бояд дар як мудир хоҳ нохоҳ таҷаллӣ пайдо карда бошад. Роҳбариро метавон ҷазаба ва ҳолати маънавии фард донист, ки ӯро нисбат ба дигарон фарқ мегузорад. Бинобар ин нуфӯзи роҳбариро низ бояд қудрати калом, рафтор ва сулуки мудир донист, ки зердастонро ба таври нохудогоҳ маҷзуб ва масҳур мекунад. (Баротӣ Алавиҷа, с: 186).

Дар мабҳаси вазифаҳои мудирон дар созмон, миёни донишмандон ҳамон гунае, ки қаблан ҳам борҳо гуфта шуд баҳс аст, ки мудирон чӣ вазифаҳое доранд. Дар ин ки мо дар ин китоб чаҳор вазифаи мудиронро баррасӣ мекунем, баъзе аз нависандагони китобҳои мудирият ба ҷои истифода аз роҳбарӣ дар севумин баҳси вазифаҳои мудирият аз дигар вожагоне ҳамчун ҳамоҳангӣ, ҳидоят ва иртиботот баҳс кардаанд.

Бинобар ин баъзе гуфтаанд: пас аз тадвини барномаи равшан ва созмондиҳии ташкилоти муназзам, замина барои иҷрои амалиёт омода мешавад ва мудир метавонад бар иҷрои амалиёт